# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ – СИЁСӢ ҶИҲАТИ ТАТБИҚИ ДАСТУРУ ҲИДОЯТҲОИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ- ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санаи 1 майи соли ҷорӣ ҷиҳати иҷрои нақша чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пажӯҳишгоҳ бо иштироки маъмурият, ходимони муассиса хониши идоравӣ - сиёсӣ баргузор гаридид.

Тибқи нақша дар ҳамоиш мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои педагогӣ, - Маҳина Бобоева дар мавзуи **«Таҳсилоти томактабӣ рушди ташаккули зинаҳои дигари таҳсилот»** ва ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Нодира Мирхонова дар мавзуи **«Тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ»** маърӯза намуда, хозиринро оид ба ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба рушду такомул бахшидани зинаи таҳсилоти томактабӣ ва тарбия намудани наврасон дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ андешарониҳо намуданд.

Дар хотима вобаста ба мавзуҳои болозикр музокирот баргузор гардид.











